

حکیم ابوالقاسم فردوسی طوسی - از مطبوعات تاجیکستان



# با مشعل فردوسی

بررسی آثار داستانی ساتم الوغزاده
رمان نویس معاصر

دکتر رحیم مسلمانیان قبادیانی

## Бо машъали Фирдавсӣ

*баррасии осори достонии Сотим Улуғзода,*
*романнависи муосир*

***“Магӯ он сухан к-андар у суд нест,***
***К-аз ин оташат баҳра ҷуз дуд нест”.***
***(Фирдавсӣ)***

Водии Фарғона дар Мовароуннаҳр гӯшаи пурфайзе аз Эронзамини бостонӣ аст, ки мардони номдоре чун Ҳасан ибн Муҳаммади Марғинонӣ, соҳиби “Маҳосин ул-калом” (асри X), Асираддини Ахсекатӣ (асри XI), Сайфи Фарғонӣ (асри XIII) ва ғ. дар он зода шудаанд ва саҳме гаронбаҳо аз адабу фарҳанги ҷаҳонии форсии тоҷикиро ба худ ихтисос додаанд. Хушбахтона, ин суннат дар асри XX низ идома доштааст, чунон ки ҳунарманди шаҳири синамо ва театри тоҷик шодравон Муҳаммадҷон Қосимов, устоди филмсоз Комил Ёрмуҳаммадов ва адиби бузурги муосир устод Сотим Улуғзода фарзандони асили Фарғона ҳастанд.

Устод Сотим Улуғзода, ки акнун синни муборакаш ба 83 расида, 1 сентябри соли 1911 (баробар бо 10 Шаҳревари соли 1290 ҳиҷрии хуршедӣ) дар деҳаи Варзикенти Чуст (вилояти Намангони Ҷумҳурии Ӯзбекистон) ба дунё омад. Волидайни Сотим кишоварзони камбизоат, вале соҳибдил буданд. Модар савод дошта ва шеър ҳам машқ мекардааст, вале Сотим дар 9-солагӣ аз модар ва 10-солагӣ аз падар ҷудо шуд.

Ӯ дар ятимхонаи шаҳри Чуст тарбият дид. Тайи солҳои 1025-1929 дар донишкадаи тоҷикии шаҳри Тошканд таҳсили илм кард ва дар соли 1928 дар нахустин Конфронси забоншиносони тоҷик дар шаҳри Сталинобод (Душанбе) ширкат ҷуст. Як сол пас аз хатми давраи Донишгоҳ ба тадрис пардохт ва дар соли 1930 ба пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон омад ва дар он ҷо мондагор шуд.

Ӯ наздик ба 10 сол ба интиқоди осори адибони муосир ва пажӯҳиш дар мероси адибони пешин пардохт ва дар соли 1951 (ҳангоми таъсиси Академия) ба унвони узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузида шуд ва дар гузари солҳои 1941-1945 дар Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ ширкат дошт.

Сотим Улуғзода ду писар ва як духтар дорад. Писари бузургаш (Азиз), ки Донишгоҳи давлатии Маскавро хатм карда ва дар ҳамон ҷо тадрис мекард, дар соли 1967 хоки шӯравиро тарк гуфт ва ҳарчанд дар ҳаққи шӯравӣ ҳарфи нодурусте нагуфта буд, аз падар тақозо карданд, ки ӯро "оқ" кунад. Аммо падар инро муносиб надонист ва ба ҳамин сабаб адиби озода ва фарзонаи тоҷикро аз сафҳои Ҳизби камунист хориҷ карданд, чопу интишори осорашро боздоштанд ва номашро аз барномаи таълиму тадрис дар мактабу донишгоҳҳо хат заданд.

Дар поёни солҳои 80, замоне ки султаи Ҳизби камунист рӯ ба завол ниҳода ва дар инҳисори империяи шӯравӣ рахна пайдо шуда буд, ба устод Сотим Улуғзода унвони расмии "Нависандаи халқии Тоҷикистон" ва Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ эъто шуд. Ин кор дар ҳукми эътироф ба зулму хатоҳои рафта буд.

Устод Сотим Улуғзода аз ноябри 1992 дар Маскав басар мебурд.

Устод Бозор Собир дар ҳаққи ин адиби фозил шеъре суруда, ки порае аз он ин гуна аст:

*"Ҳастии бузургон чист?*
*Чизе ки нагардад нест,*
*Ҷоне ҳама дар меҳнат,*
*Ҷисме ҳама дар сабқат".*

***Нигоҳе ба осори устод Сотим Улуғзода***

Доманаи фаъолиятҳои адабии устод Сотим Улуғзода густарда аст. Чунонки вай дар заминаҳои рӯзноманигорӣ, тарҷумонӣ, пажуҳиш, нақд, драма, қисса, роман ва ғ. ба талош буда.

Ҳангоме ки дар донишкада таҳсили илм мекард, қалами хешро дар рӯзноманигорӣ ба кор гирифт ва хабару мақолаҳои ӯ дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои "Овози тоҷик", "Раҳбари дониш", "Барои адабиёти сотсиалистӣ", "Ҷавонони Тоҷикистон" ва ғ. фаровон ба чоп расидааст.

Ҳамчунин, ҳамзамон бо таҳсил ба тарҷума пардохт ва достони "Сом ва Дик"-и М.А. Алексеевро аз русӣ ба форсии тоҷикӣ баргардонд, ки ба кушиши устод Садриддин Айнӣ чопу мунташир шуд. Баъдҳо намунаҳои зиёде аз осори пурбаҳои адабиёти ҷаҳониро дар дастраси хонандагони тоҷик қарор додааст, аз ҷумла: "Ғурмагас" (романи

Этел Лилиан Войнич), “Гунаҳкорони бегуноҳ” (драмаи Алексей Островский), “Хизматгори ду хоҷа” (асари Голдони) ва “Дон Кихот” (Сервантес).

Пас аз поёни давраи таҳсилот бо пуштикор ва ҷиддият ба пажуҳиш дар осори адибони пешин пардохт ва мақолаҳое низ дар ин бора интишор дод. Ҳамчунин бисёре аз мақолаҳои тазкираи “Намунаи адабиёти тоҷик” ва мақолоте, ки дар бораи устод Рӯдакӣ, ҳаким Фирдавсӣ, шайхуррайис Абӯалӣ Сино, ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ аст, ба қалами устод Сотим Улуғзода ҳастанд.

Низ аз рисолаҳои ӯ метавон ба “Аҳмади Дониш” (1946), “Пири ҳакимони машриқзамин” (1980) ишора кард.

Устод Сотим Улуғзода дар заминаи накди адабӣ ва сабкшиносии адабиёти шуравии тоҷик аз устодони пуркор ва машҳури даҳаи 30 ба шумор меоянд ва мақолот ва накдҳои: “Як нигоҳ ба насри тоҷикӣ” (1930), “Маҷмӯаи шеърҳои Азизӣ” (1932), “Лоҳутии мо” (1933), “Суҳайлӣ ва эҷодиёти ӯ” (1933), “Дар бораи шоирони Помир” (1935), “Дар бораи адабиёти бачагона” (1936), “Туфулият ва балоғати Деҳотӣ” (1937) аз барҷастатарин корҳои вай ба шумор меоянд. Ҳамчунин накдҳои ӯ дар бораи осори донишманди муосири тоҷик Акбар Турсунзод ва шоири тавоно хонум Фарзона, ки дар гузари 10 соли ахир навишта шудаанд, вежагиҳои қалами ин нависандаро менамоёнанд.

Дар миёни драманависони тоҷик ҳамчун Абдушукур Пирмуҳаммадзода (1912-1942), Абдулҳақ Усмонов, Ғанӣ Абдулло (1912-1984), Саидсултон Саидмуродов (1905-1983), Муҳаммадҷон Рабиев (1913-1983), Файзулло Ансорӣ (1931-1980), Абдусалом Атобоев (1936-1985), Ҷалол Икромӣ (1909-1993), Мирсаид Миршакар (1912-1993), Султон Сафар (1935), Меҳмон Бахтӣ (1940) ва ғ. устод Сотим Улуғзода мақому мартабаи арҷмандеро ишғол мекунад ва ин барҷастагӣ бадон иллат аст, ки наздик ба шаст сол, яъне беш аз дигарон драма ва филмнома менависад ва бо синамо ва театри тоҷик сарукор дорад.

Дигар ин ки драма ва филмномаҳои ин адиб аз нигоҳи қавонини саҳна ва синамо бисёр пухтаву баркамоланд. Се дигар, тақрибан ҳамаи драмаҳои устод Сотим Улуғзода дар мавзуъҳои таърихӣ нигошта шудаанд ва аз рӯзгори бузургмардоне ҳикоят мекунад, ки ҳастии хешро дар роҳи адолату ростӣ, шарафу номус, саодати башарӣ ва дигар хостаҳои наҷиб бахшидаанд. Муҳимтарин осори устод Улуғзода иборатанд:

- “Шодмон” (1939) дар бораи набарди наву куҳна дар замони ҳукумати сотсиалистӣ;

- “Калтакдорони сурх” (1940) дар бораи ҷанги дохилӣ дар Тоҷикистон;

Гуфтанӣ аст, шахсиятҳое чун Муҳаммадҷон Шакурӣ, Соҳиб Табаров, Лариса Демидчик, Низом Нурҷонов, Феликс Тошуҳаммадеов ин асарро дар шумори беҳтарин драмаҳои тоҷик муаррифӣ кардаанд. Драмаи Улуғзода ин пойгоҳи рафеъро пеш аз ҳама аз лиҳози қонунмандии ҳунарӣ ёфтааст;

- “Рӯдакӣ” (1957), дар бораи рӯзгори Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Самарқандӣ - асосгузори шеъри форсӣ. Устод Улуғзода филмномае низ ба номи “Қисмати шоир” навишта, ки студияи Тоҷикфилм бо истифода аз он филме сохт ва дар дувумин Фестивали филмҳои кишварҳои Осиё ва Африка (Қоҳира, 1960) сазовори дарёфти Ҷоизаи олии Уқоби тилло дониста шуд.

- Филмномаи “Абӯалӣ ибни Сино” (1954) ва драмаи “Ҷавонии ибни Сино” (1980) дар бораи навҷавонӣ ва ҷавонии Шайхуррайис Абӯалӣ Сино, ки ҳарду бо ҳамкории В.С. Виткович навишта шудаанд.

- “Темурмалик” (1968) дар бораи қаҳрамони миллии тоҷикон, ки бар зидди лашкари Чингиз корномае аз худ ба ҷо ниҳодааст.

- “Восеъ” дар бораи қиёми кишоварзони Хатлонзамин дар соли 1886 дар баробари зулму беадолатиҳои Амороти манғит.

- “Аллома Адҳам ва дигарон” (1971) марбут ба рӯзгори пурмашаққат ва талошҳои Аллома Аҳмад Махдуми Дониш (1827-1897) сардафтари адабиёти маорифпарварӣ дар Мовароуннаҳр …

***Қиссаҳо ва романҳои устод***



Устод Улуғзода мавқеияти баланди хешро дар таърих аз тариқи насри бадеӣ ба даст овардааст. Муҳимтарин осори мансури вай бадин қароранд:

- “Ёрони боҳиммат” (1946-1947); қиссаест хонданӣ аз рӯзгори талхи се тан ба номҳои Зайнаб, Ҷурабек ва Ориф. Ин воқеа дар замони Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ рух медиҳад ва тайи он Зайнаб “хати сиёҳ” - номае дарёфт мекунад, ки дар он омада ҳамсараш Ҷӯрабек қаҳрамонона ҳалок шудааст. Зайнаб ба иқтизои зиндагӣ бо Ориф издивоҷ мекунад, вале пас аз муддате маълум мешавад, ки Ҷӯрабек зинда аст, аммо сахт маҷруҳ буда. Бинобар қонун ду мард ба вай ҳақ доранд ва интихоб бо зан аст. Зайнаб ин гиреҳро бо нигоҳи наҷобат ва ахлоқи инсонии занона мекушояд ва домони марди бедасту бекасро бармегузинад.

“Ёрони боҳиммат” нахустин қиссаи ҷиддии равоншиносӣ (аз лиҳози баёни авзоъи рӯҳии қаҳрамон) дар адабиёти шӯравии тоҷик аст, ки ин тарзи тасвир баъдҳо дар осори худи Улуғзода ва нависандагони дигар, бавежа Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Саттор Турсун ва ғ. равнақ пайдо кард.

Қиссаи устод Улуғзода бо интиқоди шадиди ноқидони камунист рубару шуд. Бархе нависандагон, монанди хонум доктор Мунзифа Ғаффорова, онро бисёр зиёновар ва хилофи воқеияти ҷомеаи шӯравӣ донистанд. Аз ҷумлаи костиҳое, ки дар ин асари ҷиддӣ мешумориданд ин буд, ки муаллиф ба нақши роҳбарикунанда ва зиндагисози Ҳизби камунист эътибор надодааст. Гуфтанӣ аст, Чингиз Айтматов нависандаи бузурги Қирғизистон пас аз 15 сол ба он таваҷҷуҳ кард ва шӯҳрати ҷаҳонӣ ёфт.

- “Навобод” (1948-1953), нахустин романи устод Улуғзода ва бузургтарин таълиф ӯст, ки дар бораи мавзуъи замони колхозсозӣ дар Тоҷикистон навишта шуда. Он солҳо баёни мавзуъи инқилоби Октябр, пирӯзии сотсиализм, ташкили колхоз ва нишон додани нақши раҳбарикунандаи Ҳизби камунист дар кулли талошҳои зиндагӣ меъёри баҳо додан ба осори аҳли ҳунар ва таъмин кардани мавқеияти ӯ дар ҷомеа ба шумор меомаданд. Талоши устод Улуғзода дар достони “Ёрони боҳиммат” он буд, ки то

ҳақиқати зиндагиро тарсим кунад ва ба пешрафт кумак расонад, вале бо нокомӣ рубару шуд. Аз ин ру, дар романи “Навобод” зимни тасвири колхозсозӣ кушид, то ҳақиқатро бо рангу бор ва барзиёд, яъне мутобиқ бо идеологияи замон тасвир кунад. Дар натиҷа ин роман аз арзиши волое бархурдор нашуд.

- “Субҳи ҷавонии мо” (1954); достонест ёддоштгуна, ки бо таълифоти маълуми ёддоштнависии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ”, Аҳмад Махдуми Дониш дар “Наводир-ул-вақоеъ” ва Садриддин Айнӣ дар “Ёддоштҳо” тафовут дорад. Ва аз ҷумлаи тафовутҳои он ин аст, ки достон сужет дорад, яъне воқеа дар нуқтае шуруъ шуда ва дар нуқтаҳое пайвастаи дигар идома меёбад ва кам-кам такмил мешавад; дигар ин ки нигоранда худро чун шахси севум (ба исми Собир) онро навишта ва дар нақши падар (ки дар асл Улуғхон ном дошт ва баъд ба Умархон онро тағйир дод) рӯйдодҳоро тавзеҳ дода.

Устод Улуғзода асарҳои пурсӯзи зиёде дорад, аммо “Субҳи ҷавонии мо” нахустин асари пурсӯз ва самимии ӯст. Вай дар ин асар тавониста дар бораи зиндагӣ дар Тӯс (дар асл Чуст), дар бораи фарҷоми талхи волидайни худ, оворагиҳои худ ва бародаронаш (Азиз ва Мухтор) дар Тошканд, таҳаввулоти иҷтимоӣ ва ғ. ҷаззобтарин пораи ёддоштҳои хешро рӯи коғаз оварда ва достоне гарму муассир арза кунад.

Аз эътибору маҳбубияти “Субҳи ҷавонии мо” ҳамин гувоҳи кофӣ аст, ки чаҳор бор ба тоҷикӣ, як бор ба хати форсӣ, чаҳор бор ба русӣ, ҳамчунин ба забонҳои туркманӣ, ӯзбекӣ, белорусӣ, украинӣ, латвиягӣ ва ғ. чопу мунташир шудааст.

- “Ривояти суғдӣ” (1975); як қиссаи шевои таърихӣ аст, ки дар заминаи ахбори муаллифони пешин навишта ва аз фатҳи Бухоро ба василаи арабҳо ҳикоят мекунад. Нигоранда ба воқеаҳое, ки ҳазору анд сол пеш аз ин рух дода буд, аз ҳангоми бархурдҳои фарҳангу бефарҳангӣ, ватанхоҳӣ ва султагарӣ, қаҳрамонӣ ва хиёнат, мардӣ ва номардӣ, назар афкандааст.

Саид ибни Усмон (писари халифа) ба Мовароуннаҳр лашкар мекашад, ба Бухоро дасти тааддӣ дароз мекунад, дар Самарқанд ҷанги беамон мебарад, сарзамини чағониёнро бо хоки сиёҳ баробар месозад, садҳо шаҳру русто ва боғу бустонро хароб карда, ҳазорон касро нобуд менамояд, ҷавонону духтарони зиёдеро асир карда ба Ҳиҷоз мебарад ва оқибат марги сазовори хешро аз дасти Варкан паҳлавон ва ватанпарасти асир дармеёбад. Аз ҷумлаи вежагиҳои “Ривояти суғдӣ” ин аст, ки нависанда дар заминаи ин ривояти машҳур нақши занро рӯшан нишон дода, дар зимн бар ҳукумати адолатпеша ва оқилонаи хотуни Бухоро таъкид намудааст. Ин иқдоми хушбинонаи нависанда ба таърихи пешини мардум мавриди писанди ноқидони ҳизбӣ воқеъ нашуд, чунон ки доктор Атохон Сайфуллоев навишт: “Муаллиф ба муболиға рӯ оварда ва занеро ситоиш кардааст. Дар сурате ки зан дар ҷомеаи феодалӣ (пеш аз ҳукумати шӯравӣ) беҳуқуқ буд ва ҳеҷ мақоми иҷтимоӣ надошт”.

“Ривояти суғдӣ” достони қаҳрамонӣ аст ва дар маърифати таърихи ниёкон ва бедории миллӣ арзише сазовор дорад.

- “Восеъ” (1961-1967); як романи таърихии қаҳрамонӣ аст дар бораи Восеъ, роҳбари кишоварзони шӯришгари тоҷик.

Дар нимаи дувуми асри XIX зиндагӣ дар Бухоро, бавежа самти шарқии он ҳар рӯз сахттару сангинтар мешуд. Дар соли 1886 ҳокими Балҷувон (Мирзо Акрамбой) молиёти сесоларо ба як бор аз мардум гирифт ва ба таъбире луқмаи охиринро аз даҳонҳо рабуд. Корд ба устухони халқи мазлум расид ва мардум оқибат исён карданд. Раҳбари саркашон марди пешаваре буд ба номи Восеъ. Кишоварзону косибон бо чӯбу шоха ва белу табару теша мусаллаҳ шуданд ва ба қалъаи ҳоким ҳуҷум оварданд. Сарбозон торумор шуданд ва ҳоким гурехт.

Амир Абдулаҳадхони манғит ба кумаки ҳокими шикастхӯрда аз Бухоро ва шаҳри Ҳисор ҳазор сарбози варзида ва мусаллаҳ фиристод. Ончунон ки оғози шӯриш ноугзир буд, шикаст низ ҳатмӣ буд. Кишоварзони ҷанг надида ва бесилоҳ дар баробари лашкари ҷанги ҷаррор чи тавоне доштанд?.. Восеъ ва ёрони ӯ дастгир шуданд. Ёронашро куштанд ва Восеъро ба ҳузури амир бурданд: манғит мехост пешавари шуҷоъро бубинад. Онҳо рӯбарӯ шуданд ва порае аз он манзараи ҷолиб ин аст:

“Амир ба вай чашм дӯхт. Вай ҳам ба амир чашм дӯхт. Восеъ гӯё бо нигоҳаш ба вай мегуфт: Ту маро дидан мехостӣ? Инак ман, бубин! Душманони ту ҳама монанди мананд! Ман ҳоло асири туам, аммо ба ту сар хам намекунам, аз ту наметарсам!.. Амир гӯё ки ба теғи нигоҳи Восеъ тоб наёварда чашмашро аз вай канд, ва баъд Восеъ ҳам аз ӯ рӯй гардонд”.

Қаҳрамонро дар Шаҳрисабз (Кеш) ба дор кашиданд. Хоҳари қаҳрамон (Фотима), ки пиёда ва пойбараҳна аз Балҷувон то қароргоҳи амир дар Шаҳрисабз бародари асир ва занҷиршудаашро ҳамроҳӣ мекард, пас аз бозгашт ба зодгоҳи худ бо дарде омехта ба фахр ба мардум мегӯяд: “Акама ба дори баланд кашидан. Акам натарсид, сарбаланд ҷон дод. Халқон гуфтанд: ёдуш бахайр, баҳодур будай!”.

Устод Сотим Улуғзода на танҳо нақши қаҳрамони аслии роман, яъне Восеъ, балки нақши наздикону ёронашро, ва низ симои манфури душманони доду ростиро дар ниҳояти устодӣ ва маҳорат тарсим кардааст.

Романи “Восеъ” дар шинохти таърихи қавми тоҷик ва талошҳои озодихоҳонаи онҳо, дар шинохти тинати ростгӯӣ ва додҷӯӣ, дар ошноӣ бо фарҳангу русуми ин мардум ва низ дар бедории миллӣ нақше басазо дорад.

- Достонҳое аз “Шоҳнома” ошноии устод Сотим Улуғзода бо “Шоҳнома”-и ҳаким Фирдавсӣ беш аз шаст сол пеш сурат баста буд. Чунон ки устод дар посух ба номаи нигоранда ба таърихи 17 ноябри 1988 навиштаанд: “Дар нахустин Анҷумани нависандагони тоҷик дар 1934, ҷаласаи рӯзи якшанбе ба муносибати ҳазорумин солгашти валодати Фирдавсӣ ба сухан дар бораи он ҳакими фарзона ихтисос ёфта буд ва дар он маросими суханронии А. Лоҳутӣ, Фитрат, С. Айнӣ дар бораи “Шоҳнома” ва қироати ҳаҷвияи Фирдавсӣ барои Султон Маҳмуд ба василаи Раҳим Ҳошим чунон таъсире дар ман кард, ки пеш аз он собиқа надошт. Баъдҳо як нусхаи Шоҳнома ба даст оварда ва ба мутолиаи он пардохтам”.

Устод Улуғзода “Шоҳнома”-ро резакорона омухт, ба гунае ки ба гуфтаи шоир: “Заҳри сатраш чу хомаи равон магзашт ва ба ҳар ҳарфаш чун сиёҳӣ фуру рафт”. Ин адиб ба мурури замон ва бо касби камолот азамати “Шоҳнома”-ро бештару беҳтар дарк намуд ва дар охир дарёфт, ки лозим аст онро дар шакли қобили фаҳм барои ҷавонон ва навҷавонон дароварад. Аммо мутаассифона тайи чиҳил сол, ки аз умри устод сипарӣ шуд, осори пешиниён мавриди таваҷҷуҳ набуд ва истифода аз онҳо ба манзури тарбияти аҳли замон имкон надошт. Танҳо дар соли 1973 устод Улуғзода тавонист ба “Шоҳнома” даст занад ва шуморе аз достонҳои онро ба наср баргардонад. Нахустин китоби достонҳои “Шоҳнома” дар соли 1976 интишор ёфт ва пас аз як сол китоби дувум ҳам ба табъ расид.



ساتم الوغ‌زاده و جلال اکرامی

Хонандагони “Шоҳнома” ба хубӣ медонанд, ки ҳамосаи ҳаким Фирдавсӣ ду мавзуъро арза мекунад: нахуст раъй, дод ва некӣ ва равшаноӣ, ва дигар бедоду бадӣ ва торикӣ. Аҷдоди фарзонаи мо аз камоли нафосати завқ ва балоғати табъ ҳар даврае номбурдаро, ки миёнашон набард ва душмании ҳамешагӣ ва оштинопазир аст, дар чеҳраи Аҳуромаздова Аҳриман шинохтаанд ва шиносондаанд. Фирдавсӣ бо намоиши ҳодисаҳои сершумори афсонавӣ ва таърихӣ мардумонро панд медиҳад, ки агар гуфтаҳои Аҳуромаздоро гӯш диҳед, Аҳриман мағлуб гашта ва зиндагӣ хоҳад шукуфт; вале агар инсонҳо ба роҳи Аҳриман раванд, зулму ҷаҳлу торикӣ ҳоким хоҳад шуд. Фирдавсӣ аз забони шахсиятҳои “Шоҳнома” ҳақиқатро мегӯяд, доду некиро талаб мекунад ва подоши муносиб андеша ва гуфтору рафтори бадро оқибат медиҳад.

Устод Улуғзода, ки зимни кори худ дар матни “Шоҳнома” ба ҳасби таносуб кӯтоҳ карда ё чизе бадон афзудааст, риштаҳои асосии аҳдофи шоири бузургро дар даст доштааст.

Рӯйкарди хонандагони тоҷик ба ин асар дар ҳадде буд, ки китобҳои якуму дувум бо тиражи панҷоҳ ҳазор ҷилд ба чоп расиданд ва дар соли 1986 низ таҷдиди чоп шуданд, ки ин бор ҳарду китоб дар як ҷилд чиҳил ҳазор нусхаӣ мунташир шуданд. Ин истиқбол аз як сӯ гувоҳи ташнагии хонандагони тоҷик ва аз сӯи дигар далели арҷу бузургии “Шоҳнома” ва низ сифати хуби кори устод Улуғзода аст.

- Романи “Фирдавсӣ” (1986); устод Сотим Улуғзода ба пероиши насрии “Шоҳнома” қаноат накард, балки аз рӯзгори худованди он (Фирдавсӣ) роман навишт. Романи “Фирдавсӣ” дар соли 1986 ба чоп расид ва дар соли 1987 Ҷоизаи адабии давлатии Рӯдакиро дарёфт кард.

Пас аз чопи романи “Фирдавсӣ” донишманди фақиди тоҷик профессор Холиқ Мирзозода зимни арҷ ниҳодан ба ин асар эроде ҳам гирифт, мабнӣ бар ин ки дар ин

робита авҷ ва сукути Оли Сомон низ боястӣ тасвир мешуд. Аз ҷумла чунин гуфт: “Роман дар мисоли саргузашти Фирдавсӣ мебоист дар партави фоҷеаи ҳалокати давлати марказонидашудаи Сомониён эҷод мешуд, зеро дар он фоҷеаи эҷодӣ ва намоявии Фирдавсӣ низ мавҷуд аст” (ҳафтаномаи “Адабиёт ва санъат”, 6 апрели 1989). Дарвоқеъ, устод Улуғзода меҳвари романро аз давлати Сомониён мураккаб насохта, зеро ба назари мо чизҳое аз он муҳимтар ва хушбақотар пайдо карда, ки набарди тунду ҳамешагии некию бадӣ, ростӣ ва тарфанд, доду бедод, ҳақиқату ноҳаққӣ ва ғ. аз ҳамин шуморанд. Поярезии масоили роман бар ин бунёдҳо арзиши замонии асар ва мавқеъи тарбиятии онро беқиёс бардоштааст, зеро чигунагии зиндагӣ ва ҳастӣ на танҳо дируз бастаи ин вусул буд, балки ин бастагӣ имрӯз ҳам маҳкам аст ва фардо низ маҳкаму устувор хоҳад буд. Ин бастагӣ ҳадди амонӣ ва маконӣ ва қавмӣ надорад, балки ҳамеша ва ҳама ҷо чунин буда, чунин ҳаст ва чунин хоҳад буд.

Устод Улуғзода мақсад дорад, моҳияти аслии “Шоҳнома” ва ниятҳову заҳматҳои Фирдавсиро ба шеваи тозае боз намояд ва ба хонандагон бирасонад, ки ин шоҳкор чаро аз замони пайдоиш диққати ҳамаи тоифаҳо, бавежа деҳқонон, ҳунармандону рӯшанфикронро ба худ кашида ва чаро безаволӣ насибаш гаштааст.

“Фирдавсӣ” достоне аст шомили мавзуъот ва масоили фаровон, ки ҳар як намунаанд ва дорои муҳтавои ғанӣ, аз назари таърихӣ дақиқ ва аз нигоҳи бадеӣ муассир, меҳвар ва мақсадҳои муаллифро ватанхоҳӣ ташкил додааст, ва ин бе сабабе нест, ҳаким бо камоли фаросат дар замони худ дарёфта буд, ки амну осоиши мардум баста ба ваҳдат ва ягонагии кишвар ва барқарории адолати иҷтимоӣ аст, ва низ нороҳатии марду аз парешонии ватан ва улму тааддӣ бармехезад. Шоири бузург барои пешгирӣ аз парешонии кишвар ва огоҳии ҳамватанон аз хорию зиллати оянда даст ба сароиши “Шоҳнома” зад. Дареғо ки пешбинии нохуши шоир дуруст аз об даромад: парокандагӣ дар кишвар шиддат гирифт ва ҳанӯз кори “Шоҳнома” поён наёфта, кори давлати азими сомониён ба поён расид.

Лозим ба таъкид аст, ки ин маънӣ вежаи замони Фирдавсӣ ва давлати Оли Сомон нест, балки дар ҳамаи замонҳо ва дигар кишварҳо ин руйдодҳо буда, чунон ки зулму беадолатӣ боиси парокандагии империяи шӯравӣ шуд, миллионҳо хонаро сухт ва миллионҳо ҷонро бо худ бурд. Ё дар Тоҷикистони кучаки мо болшевикҳо бо ҳамкории аҳли ҷиноят ва пуштибонии бадхоҳони хориҷии миллат ихтилофе миёни қишрҳои ҷомеа ва манотиқи кишвар эҷод карданд, ки дар оташи ин фитна, ҷумҳурӣ истиқлоли тозаи худро аз даст дод.

Беш аз дусад ҳазор нафар кушта шуданд ва беш аз як миллион нафар (яъне як чаҳоруми аҳолӣ) ҷилои Ватан карданд.

Ҳаким Фирдавсӣ ба хонадони Сомониён ҳусни таваҷҷуҳи вежае дорад ва бар ин маънӣ дар роман ба рушанӣ таъкид шуда. Асолат, ҳусни таваҷҷуҳи шоири бузург ва низ таъкиди муаллифи роман дар азамати хизмати Сомониён ниҳон аст. Ба хотир овардани ин нукта кофӣ аст, ки бунёнгузори сулола, яъне Исмоили Сомонӣ мегуфт: “То ман бошам, пораи вилояти Бухоро ман бошам!” маънии ин сухан он аст, ки то зиндаам, ҳеҷ бодиянишин тавон надорад дасти тааддӣ ба аҳли озодаи кишвари ман дароз кунад! Гуфтанӣ аст, чун бузургмарди ягонаи ин хонадон ҳамин Исмоил мебошад, дар мақбараи

муҳташами Сомониён низ ӯро танҳо гузоштаанд. Шояд бузургтарин ҳиммати ворисони ӯ дар ҳамин қадршиносиашон зоҳир шуда бошад.

Агар сутуни аслии осоиши мардум амнияти кишвар бошад, арконаш мавҷудияти адолат, пойдории ҳақиқат, парастиши илму ҳунар, эҳтироми инсон сарфи назар аз мансубияти мазҳабиву нажодӣ ва тоифавӣ ва амсоли инҳо мебошанд. Ин ду ҳодисаи мутазод асоси маҳкаме доранд: ба супориши Амири Сомонӣ, ҳаким Фирдавсӣ ба танзими "Шоҳнома" мепардозад, вале шоҳе дигар (Маҳмуди Ғазнавӣ) ба тундӣ бо вай рафтор мекунад. Ин рафтори Маҳмуд дар ҳаққи Фирдавсӣ як ҳодисаи ҷузъӣ ва тасодуфӣ набуда, балки бо кулли тарафҳои сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии замон, ҳатто аслу насабу нажоди султон бастагӣ дорад. Таҳқири шоири бузург, мизони молиёт, зардуштикушиҳо, ҳиндустонкушоиҳо, фасоду найрангҳо ва ғ. ҳама бастаи ҳамдигаранд ва сарҳалқаи ин силсилаи зулмтабор, сиришти нопок худи султон мебошад. Ҳастаи наҳсе, ки дар тинати султон буд, ҳосили муносиб ба бор овард ва аз ҷумла яке ин аст, ки дар замони зиндагии хеш ба лаънати мардум гирифтор шуд, дар саҳифаи таърих то абад рӯсиёҳ монд. "Фирдавсӣ" як романи миллӣ аст, аз тасвири воқеият ва кушоиши гиреҳҳо, таҷассуми ақидаҳо ва ниятҳо, баёни чигунагии тинати одамиён, сурату гуфтугу ва ҳаракоти онон ва ғ. рӯҳи миллати асили эронӣ ҳувайдост. Аз пои ҳар ҷузве фарҳанги ин миллат шинохта мешавад.

Устод Улуғзода ба масъалаи деринаи миллатгароӣ ва миллатфурушӣ таваҷҷуҳ карда ва роҳи дурусти ҳалли онро нишон додааст, яъне миёни насионализм, ки нописандида ва зиёнбор аст, ва миллатпарастӣ, ки писандидаву нафъовар мебошад, тафовут гузошта. Мунозираи Мутъаб Абумузаффари Балхӣ ва Ибни Абдулмалики Бастӣ бо ҳаким Фирдавсӣ ба ҳамин маънӣ ҷолиб аст. Мутъаб шоири араб мутакаббирона ба Фирдавсӣ хитоб мекунад: "Чаро ашъори арабӣ намегӯед?" Ҳаким бо тамкин посух медиҳад: "Ҳоҷат набуд, мехостам ашъори маро ҳаммеҳанонам бихонанду бифаҳманд". Мутъаб барошуфта мешавад ва итоб мекунад, ки ҳаммеҳанони мо ҷуз як идда олимону фозилон, ки худ арабӣ медонанд, ҳама бесаводону ҷоҳилонанд. Ин тавҳин буд, тавҳин ба мардум, ки ҳеҷ фарзона тоби онро надорад ва шоир ин гуна посухи муносибе ба вай медиҳад:

"Ҳамон андоза, ки арабҳои бесавод ашъори арабиро фаҳмида бошанд, ҳаммеҳанони ман низ сухани шоирони ҳамзабонашонро мефаҳманд".

Мутъаб оташ мегирад; кӣ тавони онро дорад, ки Аҷамеро бо Араб, ки ҳамнажоди расули Аллоҳ аст ва Қуръони маҷид ба лисони вай нозил шуда баробар ва ҳатто аз вай баландтар гузорад. Алқисса, дар ин баҳс ду тан аз шоирон, ки ба арабӣ шеър мегуфтанд, шарик мешаванд ва аз Мутъаб ҷонибдорӣ мекунанд. Абӯмузаффар мегӯяд: "Форсӣ ширин аст, вале ба ин забон фақат "Тӯтинома" метавон навишту хонд, забони ҳикмату маъонӣ, фасеҳу балиғ, арабӣ аст". Ибни Абдулмалик, ки назар ба тавсифи кӯтоҳи Улуғзода "каҷбаҳсу тундгӯй" буд, мегӯяд: "Ҳар кӣ мункири ин нукта бошад, нодон аст". Посухи Фирдавсӣ ба ин ҳукми нодуруст чунин аст: "Шумо забони модарии худро бад дида, забони бегонаро бар вай тарҷеҳ додаед, ин монанди он аст, ки касе аз модари худ рӯй гардонад. Ва чунин кас бешак бадсиришту бадгуҳар аст".



ابوالقاسم لاهوتی و صدرالدین عینی

Мавзуъи романи устод Улуғзода марбут ба таърих аст, яъне рӯзгори Фирдавсӣ мавзуъи ҳамосаи ҳакими Тӯс низ таърихӣ аст, аммо ин зоҳир ва қолаби матлаб аст.

Аз “Шоҳнома” метавон беғалат дарёфт, ки назми рӯйдодҳои замони куҳан ба хотири роҳнамоӣ дар ҳалли масоили имрузу фардост. Ибратбахш аст, ки Фирдавсӣ ҳазор байт аз Дақиқиро ба китоб афзуда ва чанд эрод низ мегирад ва аз ҷумла мегӯяд: “Аз ӯ нав нашуд рӯзгори куҳан”, яъне шоир (Дақиқӣ) мавзуъи таърихро дар алоқа ва бастагӣ бо забони хеш ҳал накардааст.

Устод Улуғзода робитаи замонҳоро дар панду улгу борҳо ва дар мавқеъи муносиб гӯшзад кардааст, аз ҷумла он ки Фаррухии Сиистонӣ шоири мадеҳапардози дарбори султон Маҳмуди Ғазнавӣ зимни гуфтугу ру ба он шоири бузург (Фирдавсӣ) мегӯяд: “Устод чаро шумо ин ҳама истеъдоди беназирро сарфи фасонаҳои куҳан сохтед? Як бор ҳам ба дарбори султон наёмадед ва мадҳи ӯ нагуфтед? Магар султони муаззами кишваркушои динпаноҳи кофиркуши адолатпеша ва раъиятпарвар сазовори он нест, ки шоирон бо ҷону дил мадҳаш гуянд, вассофаш бошанд, чокараш бошанд ва камтарин лутфу марҳаматашро тоҷи сар бикунанд? Банда якчанд мадеҳаи шуморо, ки дар Шоҳнома гуфтаед, хондам. Маълум шуд, ки шумо дар мадеҳа гуфтан сабки хос доштаед ва алҳақ устод будаед”. Ҳаким дар посух мегӯяд: “Чун Шоҳномаро ба номи султон кардам, пайванди мадеҳае чанд ба он лозим буд … Чун таомули айёми гузашта кардам, донистам он чи шумо фасонаҳои куҳан мегӯед, пур аз панду ҳикмат ва ибратомузанд. Одамӣ бояд ниекони хешро бишносад то бидонад кист ва ба ҷаҳон баҳри чи коре омадааст, бидонад ки некӣ ва бадӣ, одамият, мурувват ва ғ. чӣ ҳастанд”. Бар ҳамин маънӣ дар мавриди дигар, зимни гуфтугуи шоир бо Султон Маҳмуд, низ таъкид шуда, ки хонанда худ метавонад аз роман мутолиа кунад.

Устод Улуғзода дар маркази роман нақши ҳаким Фирдавсиро гузошта, ки комилан табиӣ аст. Нависанда Фирдавсиро пеш аз ҳама чун шоир нишон медиҳад, аммо на чун шоири вобаста, балки шоире ҳақҷӯ ва ростгӯ, ватанпарасту додхоҳ, олиҳиммату бебок ва ғ. Ҳамчунин Фирдавсӣ дар нигоҳи Улуғзода, мардест, ки ҳамсари меҳрубону ёварашро дуст медорад ва эҳтиром мекунад. Ҳамчунин, Фирдавсӣ падари ғамхору

сахтгире аст. Лозим ба таъкид аст, ки нависанда зимни баёни муносибатҳои Фирдавсӣ бо писараш (Ҳушанг) дар чандин мавриди дигар, бавежа дар мавриди Рустаму Суҳроб ба муаммои пургиреҳ ва арзишманди падару писар таваҷҷуҳ карда ва нуктаҳое пурбаҳо гуфтааст. Як ҳусни хушбаҷои роман ин аст, ки ҳаким Фирдавсӣ чун падари мардум, мардуми бенаво ва мазлум дар назарҳо намудор мешавад.

Ин замони дарозу таҷрибаи рузгорон нишон доданд, ки оро ва амалкардҳои ҳаким Фирдавсӣ машъали рахшон аст:

Агар ҷойгоҳи баланд дорад, роҳ рӯшан мешавад; вагарна на, кишвар дар масири таърих пушти по мехурад. Устод Бозор Собир гӯё дар ҳаққи ӯ сурудааст:

"*Вақт агар вақтӣ кунад, аз рӯи ӯ қатъи назар*
*Пешпойӣ мехурад дар санг пойи ҳеҷ кас*".

**Пайнавишт:**

*Нигоранда дар бораи осори устод Сотим Улуғзода рисолае бо номи "Дар боғи Фирдавсӣ" таълиф намуда, ки соли 1992 дар маҷмӯаи китоби "Эъҷози ҳунар" дар шаҳри Душанбе ба табъ расидааст.*